Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

Роҳбариву омӯзиши диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи: «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» аз он шаҳодат медиҳад, ки мухтавои таҳқиқот ва диссертатсия ба номи мавзуъ мувофиқ буда, дар доираи шаҳодатномаи ихтисоси 12.00.09 – ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) омода карда шудааст. Таҳқиқоти мазкур бо чунин ном ва мухтаво, бинобар он мубрам мебошад, ки якум, баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда – истисно аз қоидаҳои маъмули мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, омӯзиш ва пажӯҳиши алоҳидаро талаб менамояд, ки барои илми ҳуқуқшиносӣ, ба хусус барои мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти назариявӣ, меъёриву ҳуқуқӣ ва амалӣ дорад. Чунки дар назари аввал муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар суд бе таъмин намудани иштироки судшаванда, шахсе, ки гуноҳи ӯ муҳокима карда шуда, бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, бемаъно буда, гӯё ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ таъмин карда намешавад. Дуюм, КМҶ ҶТ оид ба таври ғоибона ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан муқаррароти меъёрӣ пешбинӣ накардааст. Сеюм, дар адабиёти ҳуқуқии соҳавӣ ва амалияи судӣ ибораи номуносиб ба принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ «мурофиаи ғоибона» истифод шуда истодааст, ки моҳиятан хатарафзо мебошад.

Аз ин рӯ, диссертант дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тавонистааст, ки асос, шарт ва расмиёти мурофиаи бе иштироки судшаванда баргузор намудани муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятиро нишон дода, маҷмӯи қоидаҳои нав ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо назардошти омӯзишу таҳлили амиқи илмӣ дар самти баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда тавсия намояд.

Таҳлилҳои амиқ, асосноксозии нуктаҳои илмӣ боназардошти таълимот ва ақидаҳои пешқадами мутаффакирон ва сиёсатмадорони тоҷику форс оид ба таъмин намудани адолати иҷтимоӣ, ошкоро дар

ҳузури тарафҳо баргузор намудани муҳокима ва бо ғояву афкори олимони варзидаи ватанӣ ва хориҷӣ, такя ба амалияи судӣ имкон додаанд, ки мавзуи таҳқиқот ҳаматарафа мукаммал анҷом дода шавад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои марбут ба тарзи мубоҳисавии баррасии парвандаи ҷиноятӣ, муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи парвандаи ҷиноятӣ, иштироки судшаванда дар маҷлиси судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ, маҷлиси суд дар ғоибии судшаванда ташкил дода, бо назардошти омӯзишу ҷамъбасти амалияи мақомоти судӣ хулосаҳо таҳия гардида ва дар асоси он тавсияҳои илман асоснок оид ба такмил додани қоидаҳои баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо иштироки тарафҳо ва дар ғоибии судшаванда, инчунин баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии риоя ва иҷрои принсипҳои конститутсионии адолати судӣ дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ пешниҳод гардидааст.

Ҷиҳати расидан ба мақсади қайдгардида диссертант иҷрои вазифаҳои зеринро, ба мисли муайян кардани моҳият, аҳаммият ва зарурияти риоя ва иҷрои шартҳои умумии маҷлиси судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва иштироки судшаванда дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ; таносуби мурофиа дар ғоибии судшаванда, муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ, маҷлиси пӯшидаи судӣ, тафтиши соддакардашудаи судӣ; шарҳи саҳеҳи моҳияти муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда, ҳамчунин муҳиммияти ҳолати ҳуқуқии судшаванда дар мурофиаи судии ҷиноятӣ; таҳлили ҳуқуқии баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ, омодагӣ, таъин кардани маҷлиси судӣ дар ғоибии айбдоршаванда ва судшаванда; мавриди таҳқиқ қарор додани ҳолатҳое, ки асоси муҳокимаи судӣ дар ғоибии судшаванда эътироф шудаанд; ҳалли назариявии масъалаҳое, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда ба миён меоянд; асоснок кардани хулоса ва пешниҳод оид ба такмил додани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва кор карда баромадани тавсияҳо оид ба иштироки амалии тарафҳо дар ҳалли судии масъалаҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот фарогири ҷанбаи васеи ҳуқуқӣ буда, нахустин таҳлили илмии масъалаҳои дар ғоибии айбдоршаванда дар марҳилаҳои тосудӣ ва дар ғоибии судшаванда дар муҳокимаи судӣ баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ бо нишон додани зарурият асос ва шарти баргузор намудани он мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бо забони давлатӣ анҷом додашудааст. Муаллиф хулосаву

пешниҳодҳои назариявиро, ки моҳияти мубоҳиса, баробарии тарафҳо, асос, шарт ва зарурати баррасии парвандаи ҷиноятиро бе иштироки судшаванда мекушояд, инчунин хулосаи худро оид ба ҳолати ҳуқуқии судшаванда дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ пешбарӣ кардааст. Дар диссертатсия нуқтаи назари муаллиф ва хулосаҳо оид ба мафҳум ва моҳияти «муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи судӣ», «муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда» дар алоқамандӣ бо тарзи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, инчунин хулоса оид ба ҳолати ҳуқуқии судшаванда дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, пешниҳод ва асоснок карда шудааст, ки аз саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

Мавзуи диссертатсия ва мундариҷаи он дуруст ва ба мақсади рисола мувофиқ мебошад. Хулосаҳои илмиву тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда қобили қабуланд. Адабиёти дар диссертатсия истифодашуда, ба истисноӣ баъзе аз камбудиҳои ҷузъӣ дуруст мебошанд.

Аз рӯйи мазмуну муҳтавои диссертатсия аз ҷониби муаллиф 12 мақолаҳои илмӣ нашр карда шудаанд, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида, ба талаботи мавҷуда ҷавобгу мебошад.

Дар рисола тамоми паҳлуҳои мавзуъ таҳқиқ шуда, навгониҳои илмии таҳқиқот, дар он ифода меёбанд, ки рисолаи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, такмили қонунгузорӣ ва амалия дар ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Андешаҳои зикр гардида, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳад. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади амалӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳаққиқ кобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлили ҳаматарафа ва нуктаҳои назари илмӣ, асоснок намудани ақида ва мавқеи хешро дорад.

Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи**
**судӣ ва назорати прокурории**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Искандаров З.Ҳ.**

**Имзои З.Ҳ. Искандаровро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ**
"08" 10 с. 2024 **Тавқиев Э.Ш.**

Суроға: 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон.: (+992) 907967476; (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj